**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., профессор
_______ Маҳмадизода Н.Д.
«10» июни соли 2024

# ХУЛОСАИ

шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
аз 10 июни соли 2024

Диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолуддин Абдураҳмонович дар мавзуи “Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гаштааст.

Ҳакимов Ҷамолуддин Абдураҳмонович солҳои 1984-1991 Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлобро бо ихтисоси “муаллими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллӣ” хатм намудааст. Аз моҳи августи соли 1991 то моҳи ноябри соли 1992 ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти рус дар мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Восеъ кор кардааст. Аз соли 1992 то ҳол ҳамчун корманди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар мансабҳои гуногун фаъолият намудааст. Аз соли 2022 унвонҷӯи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Аз тарафи унвонҷӯ имтиҳонҳои зерини номзадӣ супорида шудааст:

- забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» 12 июни соли 2023;
- таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «хуб» 23 ноябри соли 2023;
- ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ бо баҳои «аъло» 23 феврали соли 2024;
- масоили сиёсии муносибатҳои байналмиллалӣ (имтиҳон аз рӯи ихтисос)- бо баҳои «аъло» 31 майи 2024.

**Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ № 1200 аз 10 июни соли 2024 аз тарафи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.**

Роҳбари илмӣ: **Зиёӣ Хуршед Махшулзода** - доктори илмҳои фалсафа, профессор.

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҳакимов Ҷамолуддин Абдураҳмонович дар шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Дар муҳокима иштирок доштанд: Муҳаммад А.Н. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Зиёи Х.М. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Искандаров А. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Муродов С.А. – номзади илмҳои сиёсӣ, Саидов А.С. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Сангинов Н. – номзади илмҳои сиёсӣ, Шозедов Х. - ходими илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институт, Ҷонмаҳмадов Ф. - ходими илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институт, Саидова Ф.С. - номзади илмҳои сиёсӣ, Мамадназарова А. - лаборанти калони Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институт, Ҳакимов Ҷ.А. - унвонҷӯ.

**Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулоса қабул карда шудааст:**

Диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолуддин Абдураҳмонович дар мавзуи “Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, аз навгониҳои илмӣ иборат мебошад.

Дар заминаи омӯзиш, таҳлили ҳамаҷониба ва баррасии омилу сабабҳо ва таърихи пайдоиши толибизм ҳамчун идеологияи сиёсӣ-динӣ ва оқибатҳои назаривию амалии он барои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосаҳои зерин расида шуд:

1. Идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон», ки асоси онро тафаккури радикалӣ ташкил мекунад, аслан аз идеологияи мактаби девбандия (ё деобандия) шуруъ гардида, уламо ва масъулини ҳаракати девбандия дар ибтидо ба доираҳои роҳбарикунандаи ҳаракати “Толибон”, сипас ба ташаккули ақидаҳои сиёсию динии пайравони он аз ҷумла, бо идеяи худ оид ба таъсиси аморати исломӣ таъсир гузоштаанд. Ҳамзамон, толибон ғояҳои мактаби девбандияро ба таври худ тафсири радикалӣ намуда, онро бо суннатҳои қабилавии худ омехта кардаанд. Назарияи девбандия ба таълимоти дигар, аз қабили салафия, ваҳҳобия хеле наздик аст ва ба гурӯҳи «Сипоҳи саҳоба» ва ҳаракати “Толибон” дар раванди таҳсил дар мадориси девбандия дар шимоли Покистон таъсир гузоштааст. Дар асоси ҳамин сарчашма

ташаккул ёфта, идеологияи сиёсию динии ҳаракати “Толибон”ва бо мукарраротн исломӣ ва акидаҳои қабилавию ҷоҳилонаи паштунӣ омезиш ёфта, ҳамчун идеологияе арзи ҳастӣ намуд, ки аз номи дини ислом, шариату фиқҳ ва мазҳаб баромад намояд ҳам, дар асл ягон робита ва алоқамандие ба исломи аслӣ надорад.

2. Дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккули идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» (солҳои 1994-1996 ва 1996-2001) қисми асосии пайравони онро паштунҳо ташкил дода, миллатгароии паштунӣ дар сиёсату амалу рафтору гуфтори онҳо бараъло намоён мешуд. Ҳамчунин, дар бунёди идеологияи сиёсию динии «Толибон» анҷумани «Ихвон-ул-муслимин» («Бародарони мусулмон»)-и Миср ва ҳадафҳои ташкилоти террористии «ал-Қоида» низ таъсири амиқ ва назаррас гузоштааст. Дар ин самт ба таври мустақим ва ғайримустақим Покистон, Амрико, Британия, Арабистони Саудӣ низ ба ҳаракати «Толибон» кумаки молӣ ва моддӣ расонида, бо мақсади пиёда сохтани сиёсати худ дар ин минтақа ба ташакули идеологияи иртиҷоии ин ҳаракат мусоидат намуданд. Асоси иқтисодии татбиқи амалии идеологияи ҳаракатро бошад, даромад аз маводи мухаддир ташкил медод. Ҳамчунин, дар солҳои 1994-1996 ва 1996-2001 оид ба алоқаи бевосита, дастгирӣ ва пуштибонии мухолифини тоҷик, ташкилоти террористӣ-экстремистии Ҳизби наҳзати ислом дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби ҳаракати «Толибон» ва роҳбари «ал-Қоида» сухан гуфтан мумкин аст, ки далели пешбурди фаъолияти тахрибкоранаи онҳо бар зидди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таъсири манфӣ ба таъмини амнияти он ба ҳисоб мерафт.

3. Дар марҳилаи сеюми ташаккул ва рушди худ дар солҳои 2001-2021 идеологияи ҳаракати «Толибон» бо идеяҳои ҷангҷӯёна, аз қабили набардҳои партизанӣ, усулҳои террористии истифода аз моддаҳои таркандаи худсоз ва ҷанговарони худкуш мусаллаҳ гардида, бо чунин идеологияи динию сиёсие, ки ба радикализми динӣ ва исломӣ сиёсӣ такя мекунад, толибон ба сари қудрат омаданд ва имкониятҳои ҳаракати худ ва иттифоқчиёнашро барои гузаронидани маъракаҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар Осиёи Марказӣ ва таҳдид ба амнияти ин минтақаро бамаротиб зиёд намуданд.

4. Ҳаракати «Толибон» аз ҷониби баъзе давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ ёфта, бо зиёда аз бист ҳаракати экстремистию террористӣ робита дошта, идеологияи сиюсию динии иртиҷоии худро бо ғояҳои радикалии ин гурӯҳҳо тақвият бахшидааст. Аз ҷониби дигар, ин идеологияи иртиҷоии «Толибон» ба ҳаракатҳои дигар таъсир расонида ё зӯран таҳмил гардида, дар тақвияти терроризми байналмилалӣ накши назарраси манфӣ расонидааст. Аз ин рӯ, мубориза бо ҳаракати «Толибон» ва идеологияи иртиҷоии сиёсию динии он, ки характери интернатсионалӣ гирифтааст, имрӯз бояд дар накшаи тадбирҳои муқовимат ба терроризм ва мубориза бо он аз

ҷониби кулли ҷомеаи мутамаддини башарӣ дар мадди аввал қарор дода шавад, зеро ғояҳои экстремистӣ ва амалҳои террористии он дар якҷоягӣ бо ҳаракатҳои дигари шабеҳи он хавфу таҳдид на танҳо ба Афғонистон ва давлатҳои ҳамсояи он, балки ба тамоми олам доранд.

5. Идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» ё идеологияи "толибизм" хусусияти иртиҷоӣ ва деструктивӣ дошта, дар он ба меъёрҳои исломи таҳрифшудаи сиёсӣ, фундаментализм, радикализм, миллатгароӣ, нақзи ҳуқуқи занон, амалҳои экстремистию террористӣ ва дигар навъҳои зӯроварию хушунат таваҷҷуҳи асосӣ карда шудааст. Аз ин рӯ, ин идеологияи ташкилоти экстремистию террористии "Толибон"-ро, ки аз идеяҳои мубориза бо "беимонии куллӣ", бунёди давлати миллии исломӣ, муборизаи фаъоли мусаллаҳона ё ҷиҳод, инқилоби консервативии исломӣ ва ошинопазирии "исломи асил" иборат аст, ҳамчун омили асосии боқӣ мондани ноамнию бесуботӣ дар дохили Афғонистон ва ҳамчун таҳдид ба тамоми кишварҳои ҳамсояи он, аз ҷумла, ба Тоҷикистон арзёбӣ кардан мумкин аст.

6. Идеологияи толибизм ва амалҳои ҳаракати «Толибон» ба тамоми соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибатҳои ногувори назариявию амалӣ доранд, ки барои таъмини амнияти миллӣ дар кишвари мо метавонанд халал ворид созанд. Ҳамаи ин аз хусусияти иртиҷоӣ доштани ин идеология, таҳдиди паҳншавии ин идеологияи сиёсию динӣ ва ё идеяҳои алоҳидаи он дар миёни баъзе диндорон ва шахсони мавқеи устувори шаҳрвандӣ надошта дар кишвари мо тавассути содироти толибизм ва амалҳои экстремистию террористии намояндагони ин ҳаракат, дастгирии «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ва дигар ҷунбишҳои экстремистию террористӣ сарчашма мегирад. Ҳамзамон, идеяҳои бартарии миллию этникии «Толибон», паштуникунонии минтақаҳои шимолии Афғонистон, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир, ки хосси ҳаракати «Толибон» мебошад, эҳтимоли сар задани мавҷи нави гуреза шудан ва муҳоҷират намудани шаҳрвандони ин кишвар, дар идеологияи толибизм мавҷуд набудани барномаи мушаххаси иқтисодӣ, қатъи робитаҳои фарҳангӣ миёни тоҷикони ду соҳили дарёи Панҷ ва зуҳуроти дигари амсоли он, ки «Толибон» ба миён овардаанд, хавфу таҳдидҳои толибизмро ба таъмини амнияти миллӣ дар кишвари мо бамаротиб афзун мегардонанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст идеологияи сиёсӣ-динии ҳаракати «Толибон» - "толибизм" дар шакли таҳқиқоти алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар баробари ин, бори аввал:

- нақши ҷараёни девбандия дар ташаккули идеологияи сиёсӣ-динии ҳаракати «Толибон» ба таври густурда нишон дода шудааст;

- хусусиятҳои ташаккули идеологияи сиёсӣ ва динӣ-радикалии ҳаракати «Толибон» дар се марҳалаи рушди таърихии он (солҳои 1994-

1996, 1996-2001 ва соли 2001 то имрӯз) бо аксари ҷузъиёти он равшан карда шудааст;

- бори аввал аз ҷониби диссертант мафҳуми "толибизм" аз нигоҳи илмӣ тавзеҳ дода шуд, ки чунин мебошад: толибизм – ин идеологияи исломӣ-иртиҷоӣ ва диню сиёсии низомикардашудаи ҳаракати «Толибон» мебошад, ки моҳияти он ақидаҳои ваххобияро бо урфу одатҳои паштунӣ (паштунволӣ) омезиш дода, дар баробари дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа аз мактаби радикализми сиёсӣ ва экстремизми динӣ сарчашма мегирад;

- сохтор ва моҳияти идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ҳамчун падидаи радикалӣ, экстремистию террористӣ ва пайрави исломи сиёсӣ муайяну мушаххас карда шудааст;

- таъсири мутақобилаи идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» ба ҳаракатҳои дигари экстремистию террористӣ дар Афғонистон ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик нишон дода шудааст;

- таъсири оқибатҳои номатлуби назариявию амалии идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» ба таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тағйирпазирии масъалаҳои амниятӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар соҳаҳои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа, муҳоҷирати иҷборӣ, дар соҳаҳои муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва қавмию-этникӣ ва фарҳангӣ муайян карда шуда, роҳҳои имконпазири мубориза ва муқовимат ба онҳо маълум карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» як мафкураи радикалӣ буда, аз таълимоти мактаби девбандия ва идеяи он оид ба таъсиси аморати исломӣ сарчашма мегирад. Уламои девбандия ба ташаккули ақидаҳои сиёсию динии толибон, дар навбати аввал, ба роҳбарони ин ҳаракат таъсири манфӣ расонидаанд. Девбандия ба унвони як шохае аз мазҳаби суннии ҳанафӣ дониста мешавад, вале ҳаракати «Толибон» ақидаҳои ин мактабро дар идеологияи сиёсию динии худ дар шакли радикалии онҳо қабул намудааст, ки сабабгори асосии деструктивӣ гаштани ин ҳаракат мебошад.

2. Дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккул (солҳои 1994-1996 ва 1996-2001) дар идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» шариати исломӣ, таълимоти радикалии девбандия бо урфу одатҳои маҳаллии паштунҳо ва эътиқоди онҳо омезиш ёфта, он аз синтези девбандияи радикалӣ, паштунвалии қавмгаро (кодекси нонавиштаи тоисломии қабилаҳои паштун), инчунин ҳадафҳои ташкилоти террористии «ал-Қоида» иборат буд. Дар ин марҳила ҳаракати мазкур соли 1994 бо ташабуси давлатҳои манфиатдор ва бо дастгирии хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ дар Афғонистон барои

бадастории қудрати сиёсӣ таъсис ёфта, ҳамчун мактаби террор, нафрат ва харобкорӣ, инчунин “ҷиҳоди афғонӣ” ва исломи сиёсӣ зуҳур намуд. Баъди ба сари ҳокимият омадани тоҷикон бошад, идеологияи сиёсию динии толибон шакли нав – идеологияи бар зидди тоҷикони Афғонистон нигаронидашударо гирифт.

3. Дар марҳилаи сеюми ташаккули худ (солҳои 2001-2021) идеологияи сиёсию динии ҳаракати “Толибон” танҳо бо идеяҳои ҷангҷӯёна такмил ёфта, дар он ба набардҳои партизанӣ, усулҳои террористии истифода аз моддаҳои таркандаи худсоз, амалҳои тахрибӣ ва террори кушод, истифодаи ҷанговарони худкуш таваҷҷуҳи асосӣ карда шудааст. Ҳамзамон, идеологияи ҷангӯёнаи ин ҳаракат дар ин давра ихчаму чандир гашта, он бо пешниҳоди ақидаҳои исломи сиёсӣ, аз як ҷониб, дар миёни аҳолии деҳотии Афғонистон шуҳрат пайдо кард ва аз дигар тараф, духӯрагиро пеш гирифта, ин ҳаракат ҳам ба ҳукумати расмӣ тавассути амалиётҳои террористӣ фишор меовард ва ҳам бо онҳо ва сарпарастони хориҷиашон музокирот анҷом медод. Ҳамаи ин имкон дод, ки ҳаракати “Толибон” ҳадафи асосии идеологияи сиёсию динии худ - ба даст овардани қудрати сиёсӣ ва барпо намудани давлати теократиро дар Афғонистон бо дастгирии давлатҳои хориҷӣ амалӣ созад.

4. Сохтори идеологияи сиёсию динии ҳаракати “Толибон аз унсурҳое чун исломи сиёсӣ, кодекси паштунҳо, идеяҳои радикалии “Ҷамоати таблиғ”, бунёдгаройӣ ва радикализми динӣ иборат буда, характери деструктивӣ дорад. Ҳамзамон, дар сохтори ин идеология идеяҳои мубориза бо “беимонии куллӣ”, бунёди давлати миллии исломӣ, муборизаи фаъоли мусаллаҳона ё ҷиҳод, инқилоби консервативии исломӣ ва ошинопазирии “исломи асил” мавқеи асосӣ дошта, сохтори худи ин ҳаракати экстремистию террористӣ ба таври иерархӣ бо дарназардошти ин унсурҳо ташкил ёфтааст. Дар баробари унсурҳои динию сиёсӣ, идеологияи толибон унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-таърихиро низ фаро мегирад, ки комилан хусусияти консервативӣ-иртиҷоӣ то ҳадди обскурантизм доранд. Маҳз ҳамин унсурҳои идеологияи сиёсию динии ҳаракати “Толибон”, инчунин духӯрагии идеология ва амалҳои он сарчашмаи асосии таҳдиду хатарҳо дар муҳлати тулонии таърихӣ дар гузашта ва имрӯз ба давлатҳои минтақа, аз ҷумла ба амнияти Тоҷикистон мебошанд.

5. Сабаби асосии хусусияти радикалӣ ва иртиҷоӣ доштани идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» аз он иборат аст, ки ин ҷунбиш дар тамоми давраи мавҷудияти худ танҳо бо ҳаракатҳои дигари террористию экстремистӣ ҳамкорӣ намудааст. Рӯйхати чунин ҳаракатҳо зиёда аз бист номгӯйро фаро гирифта, толибон на танҳо аз онҳо консепсияҳои идеологии омезиши такфирия бо ақидаҳои салафия ва ваҳҳобия, таҳрифи исломи асил, экстремизму терроризм, исломи сиёсӣ ва ғайраро қабул кардаанд, балки тавонистаанд, ки ғояҳои иртиҷоии идеологияи толибизмро ба саркардагону намояндагони як

қатор аз ин ҳаракатҳо таҳмил созанд. Дар натиҷаи ин ҳамкориҳо идеологияи сиёсию динии толибон тамоми хусусиятҳои терроризми даврони муосирро касб намудааст: характери интернатсионалӣ гирифтааст, аз ҷиҳати ташкилӣ шабакавӣ гардидааст, аз гурӯҳи мусаллаҳи ҷангиён ба шакли ширкати нави холдингӣ мубаддал шудааст, ба интиқол ва содироти терроризм машғул гардида, давлати квазиалӣ ташкил намудааст.

6. Содироти идеяҳои толибизм, хусусан, исломи сиёсӣ ва амалҳои экстремистию террористии намояндагони ин ҳаракат мустақиман ё тавассути истифода аз дигар ҳаракатҳо яке аз оқибатҳои асосии назариявию амалии идеологияи толибизм барои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкориҳои ҳаракати “Толибон” бо «Ҷамоати Ансоруллоҳ» дар гузаронидани амалҳои террористӣ, табъиз аз ҷониби ин ҳаракат нисбат ба забон ва фарҳанги тоҷикони ин кишвар, ки метавонанд бар асари ин гуреза шудан ва муҳоҷирати худро ба Тоҷикистон давом диҳанд, таҳти таъсири муҳаққиқони ғарбӣ ба консепсияи ирредентизми тоҷикӣ бовар кардани толибон, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир, тасмимҳои беасосу ғайриилмии иқтисодии толибон чун истифода аз «терроризми обӣ» ва истифодаи толибон аз ҷониби акторҳои байналмилалӣ бар зидди кишварҳои минтақа барои амнияти Тоҷикистон хавфу хатарҳоро дар даврони муосир боз ҳам зиёдтар мекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз мукаммал сохтани маводи назариявӣ оид ба идеологияи сиёсию динӣ дар маҷмуъ ва идеологияи радикалии ҳаракати “Толибон” дар алоҳидагӣ иборат мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқотро истифодаи он дар раванди банақшагирӣ ва роҳандозии сиёсати ҷумҳурӣ дар робита бо ҳаракати «Толибон» дар Афғонистон, таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатии сиёсати хориҷӣ, китобҳои дарсӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ташкил медиҳад.

Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба фанҳои марбута дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва як монография чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ ва 1 монографияи муаллиф чоп гардидаанд.

**Мазмуни асосии тадқиқоти диссертиатсионӣ дар мақолаҳои зерини муаллиф баён шудааст:**

[М-1] Ҳакимов Ҷ.А. Идеологияи девбандия ва нақши он дар ташаккули толибизм // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.- Душанбе, 2023. – №2. - С. 145-152.

[М-2] Ҳакимов Ҷ.А. Марҳилаи ибтидоии ташаккули толибизм (солҳои 1994-1996) // Илм ва амният маҷаллаи илмии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. – № 4(6). - С. 55-62.

[М-3] Ҳакимов Ҷ.А. Сохтор ва идеологияи иртиҷоии ҳаракати «Толибон» // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. – №2. - С.299-306.

[М-4] Зиёӣ Х.М., Ҳакимов Ҷ.А. Оқибатҳои назариявию амалии идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» дар таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.- Душанбе, 2024. – №1. – С193-200

[М-5] Ҳакимов Ҷ.А. Толибизм дар марҳилаи сеюми ташаккули худ (соли 2001 то 15.08.2021)//Маводи конференсияи чумхуриявии илмию назарияви«Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамои он». - ДонишгоҳиМиллии Тоҷикистон, факултети фалсафа, Душанбе.-2024.- С.138-147.

[М-6] Ҳакимов Ҷ.А. Идеологияи толибизм ва ҳаракатҳои дигари террористию экстремистӣ. Маҷмуаи мақолаҳои конфронси илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Муқовимат бо ифротгароӣ ва шеваҳои таъмини ҳаёти осоишта”. – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ, - Хуҷанд, 2023. - №1/13. С. 161-171.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолуддин Абдураҳмонович дар мавзуи “Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” пажӯҳиши комилу анҷомёфта мебошад.

Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Истифодаи мавод ва усул, инчунин методологияи таҳқиқоти гузаронидашуда ба ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, татбиқи амалӣ ва тартиби омодасозӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолуддин Абдураҳмонович дар мавзуи “Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳимоя барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) тавсия дода мешавад.

**Хулоса,** дар маҷлиси муштараки Шуъбаи сиёсатшиносӣ ва Шуъбаи масоили сиёсии имуносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **24- майи соли 2024 қабул шудааст.**

Дар маҷлис 10 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест. Протоколи №4 **аз 24 майи соли 2024.**

Мудири Шуъбаи масоили сиёсии
муносибатҳои байналмилалии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор Искандаров А.

Котиби ҷаласаи васеи Шуъбаи масоили сиёсии
муносибатҳои байналмилалии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мамадназарова А.

Имзои Искандаров А. ва Мамадназарова А. - ро
тасдиқ мекунам.

Нозири калони Шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.

10.06.2024

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ